# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич доир ба нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бахшида шудааст.

Забон шабеҳи занҷираест, ки замонҳоро ба ҳам мепайвандад. Беҳуда нест, ки забони тоҷикӣ дар масири таърих чунин нақши арзишманди пайвандгарро ифо намудааст. Дар тули асрҳо забони мо давраҳои дурахшони рушду камолро пушти сар гузошта ва дар ҳар марҳилае зеҳни халлоқи фарзандони номбардораш осори вофире ба ёдгор гузоштааст, ки намоёнгари вазъи иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангии замон мебошад. Мутаассифона, то замони соҳибистиқлолии кишвар ба ин ганҷи шойгон камтар дастрасӣ доштем.

Калимасозӣ воситаи асосии такмили таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад. Маҳз, аз ҳамин роҳ таркиби луғавии забон инкишоф меёбад. Мардум дар тули асрҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолабҳои гуногун калимаҳои зиёде меофарад, зеро дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маданӣ ва, умуман, пешравии ҷомеа забон низ ҳамзамон рушду мукаммал мегардад. Беҳуда нест, ки забонро ҳамсафари доимии ҷомеа ном мебаранд. Пас, зарурате пеш омад, ки одамон барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳо бавуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан, аз усули калимасозӣ ба таври фаровон истифода намоянд. Ин талабот ба инкишофи калимасозиву шаклсозӣ ва таркибу иборасозӣ асосу омили муҳимме ба ҳисоб меравад.

Воқеан, таҳқиқи забоншиносии асаре метавонад дар муайян намудани манзараи инкишофи забон дар мароҳили муайяни таърихӣ нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтори калимасозӣ такя ба «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз аҳаммияти волои илмӣ бархӯрдор буда, саривақтӣ ва айни муддао ба шумор меравад.

Мақсад ва ҳадафи асосии пажуҳиш дар рисолаи мазкур аз таҳлилу баррасии нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ иборат аст. Ҳарчанд дар робита ба иқтибосот аз ҷониби забоншиносони тоҷик таҳқиқотҳои гуногуни монографӣ сурат гирифта бошад ҳам, ҳанӯз масоили зиёде дар ин ҷода, аз қабили ҷойгоҳи воҳидҳои лексикии арабӣ дар калимасозӣ, хусусиятҳои сарфию наҳвӣ,

таркибу сохтори синтаксисии таъбирҳои иқтибосии арабӣ ва ғайра ниёз ба омӯзиши бештар дорад. Бо назардошти ин нукта мавзуи диссертатсионӣ таҳти унвони «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси ҷилдҳои 3-4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» интихоб гардидааст, мақсади кори диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Бунёду асосҳои назариявии диссертатсияро дастовардҳои донишмандони хориҷиву ватанӣ, аз қабили Е. Э. Бертелс, Л. С. Пейсиков, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, Т. А. Алескерова, Хусрави Фаршедвард, М. Баҳор, Ш. Ниёзӣ, Д. Т. Тоҷиев, Т. Зеҳнӣ, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, М. Муҳаммадиев, Қ. Тоҳирова, С. Ҳалимов, Муҳаммад Асъад Аннодирӣ, Фикрӣ Иброҳим Салим ва дигарон ташкил медиҳад. Инчунин, унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ аз асарҳои Н. Маъсумӣ, Х. Ҳусейнов, С. Сулаймонов, Ҳ. Талбакова, Ҳ. Маҷидов, Ю. Нурмуҳаммадов, Х. Ҳошимбеков, М. Раҳмонӣ, С.Раҳматуллозода, М. Олимҷонов, С. Қаландаров, А. Саломов, А. Амлоев, Ҷ. Валиев ва дигарон ба таври васеъ истифода намудааст.

Унвонҷӯ навгонии илмии диссертатсияро дар чунин шакл нишон додааст:

- нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар калимасозии тоҷикӣ дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аввалин бор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

- бори аввал калимасозии пасвандҳои тоҷикӣ бо иқтибосоти арабӣ мавриди баррасии густурда қарор гирифтааст;

- баррасии калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ бо такя ба калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ барои равшан сохтани раванди азхудшавию мунҳал шудани ин иқтибос аҳаммияти калони илмӣ дорад, ки дар диссертатсия ҳаматарафа баррасӣ шудааст;

- калимасозии феъл дар «Ёддоштҳо» мавриди баррасӣ қарор гирифта, феълҳои таркибии номӣ, ки бо ёрии феъли ёридиҳандаи забони тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосии арабӣ сохта шудаанд, таҳқиқи илмӣ шуда, бо ин роҳ моҳияти иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии забони тоҷикӣ муайян гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундаричаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мақсад ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиноснномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан, мувофиқ аст.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат ва рисола оварда шудааст, инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо 14-тоанд фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад. Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевичро дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» – таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

- **Низомова Санобар Фахриевна** - доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;

- **Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.Ш.
Имзои Н.Ш. Раҳмовароро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳомидов Ш.Б.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир 33, Телефон: +992 (37) 224-17-86
info@apa.tj

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мухторов З.М.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир 33, Телефон: +992 888802777
info@mdis.edu.tj

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Нозимов А.А.
Имзои А.А. Нозимов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСИС» дар шаҳри Душанбе Зарипова М.А.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Назаршоев 7, Телефон: 372 22 2008
df@misis.ru, ttucdo@mail.ru

«17» 04 соли 2024